*Иттифоқ аст он, ки ҳар душворро осон кунад,*
*Варна аз тадбири як нохун гиреҳ натвон кушод.*

# ҲОМИИ ОМӮЗГОР

№ 6 (93)
20 МАЙИ СОЛИ 2017
Оғози нашр 18 декабри соли 2009

Нашрияи Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ИШТИРОК ДАР ЧОРАБИНИИ ТАНТАНАВӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ҒАЛАБА



9-уми май Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии тантанавӣ ба ифтихори Рӯзи ғалаба, ки дар "Боғи Ғалаба"-и пойтахт баргузор шуд, иштирок ва суханронӣ карданд.

Дар маҳалли баргузории чорабинӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ истиқбол гирифт.

Оид ба омодагии ҷузъу томҳо барои гузашти низомӣ ба муносибати Рӯзи ғалаба ба Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазири мудофиа, генерал - лейтенант Шералӣ Мирзо гузориш дод.

Баъди садо додани Суруди миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ карда, оид ба корнамоиҳои фарзандони ватандӯсти тоҷик, ки дар майдонҳои набард баҳри озодии диёр ва осудагии ҳамдиёрони хеш ҷонбозиҳо карданд, андешаронӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки ҷашни Ғалаба барои халқи тоҷик санаи воқеан муҳим ва фаромушнашаванда мебошад, зеро фарзандони фарзонаи миллати тоҷик дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон бо корнамоиву ҷонбозиҳо ва мубориза фидокоронаву қотеъона якҷо бо халқу миллатҳои сулҳхоҳ оташи ҷанги даҳшатнокро хомӯш ва озодии мардумони сайёраро таъмин карданд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ҳамаи иштирокчиёни ҷамъомадро бо ин санаи таърихӣ табрик намуда, таъкид доштанд, ки шуҷоату диловарии фарзандони баору номуси халқамон дар давраҳои ҳассоси таърихӣ, аз ҷумла дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон намунаи олии ватандӯстӣ ва сабақи беҳтарини мардонагиву ватандорӣ барои наслҳои имрӯзу ояндa мебошад.

Баъди анҷоми суханронии Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пос доштани хотираи афсарону сарбозоне, ки ҷони худро баҳри озодии кишвар нисор кардаанд, маросими гулчанбаргузорӣ дар назди оташи ҷовидон сурат гирифта, ба хотири қурбониёни ҷанг дақиқаи хомӯшӣ эълон гардид.

Дар ин рӯз баъди аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузоштани гулчанбар, ҳамчунин аз номи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои қудратӣ, намояндагони корпуси дипломатии муқими Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хизматчиёни низомии Пойгоҳи ҳарбии 201-уми Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири қурбониёни ҷанг гулчанбарҳо гузошта шуд.

Чорабинии тантанавӣ ба ифтихори Рӯзи ғалаба дар "Боғи Ғалаба"-и пойтахт бо гузашти низомии ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳ ва қисмҳои ҳарбии гарнизони Душанбе анҷом ёфт.

***www.prezident.tj***

## ИФТИТОҲИ МАКТАБИ №9 ДАР ДЕҲАИ САНГТУДАИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

12 май Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо рафти корҳои созандагӣ ва дастовардҳои иқтисодию иҷтимоӣ бо сафари корӣ ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ташриф оварданд.

Дар деҳоти Сангтудаи ноҳияи Данғара Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо шукӯҳ ва самимияти хосса истиқбол гирифтанд.

Дар заминаи сиёсати бунёдкорона Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нахуст дар деҳаи Сангтудаи Ҷамоати деҳоти Сангтудаи ноҳияи Данғара бо буридани лентаи рамзӣ ба фаъолияти Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9, боз як мактаби наву замонавӣ дар мамлакат, ки аз рӯи меъёрҳои байналмиллалӣ бунёд шудааст, расман оғоз бахшиданд.

Мактаби наву замонавӣ барои 1320 ҷойи нишаст дар 2 баст пешбинӣ шуда, аз 20 синфхона, толори навбунёди варзишӣ, китобхона бо ҳазорҳо нусха китоби таълимиву бадеӣ ва китобхонаи муосири электронӣ бо 25 компютер, толори фарҳангӣ бо беш аз 200 ҷойи нишаст, майдончаҳои варзишӣ барои футбол, волейбол ва баскетбол, ҳамзамон барои такмили лаёқати хонандагон синфхонаҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, аз ҷумла синфхонаҳои дӯзандагиву қаннодӣ, синфхонаи коркарди чӯбу тахта, ошхонаи замонавӣ барои 60 нафар дар як вақт, ҳамчунин аз утоқи хизматрасонии тиббӣ иборат мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди ифтитоҳи расмии ин даргоҳи таълимӣ, бо шароити мактаб-синфхонаҳо ва утоқҳои таълимию истеҳсолӣ шиносоӣ пайдо карданд. Дар рафти боздид аз шароити мактаби наву замонавӣ Сардори давлат бо устодону толибилмон суҳбат ороста, ҷиҳати омӯзиши дақиқи илм ва забонҳои хориҷӣ ба онҳо маслиҳатҳои муфид доданд.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и ноҳияи Данғара дар доираи татбиқи ҳадафҳои рушд, аз ҳисоби буҷети давлат бо харҷи бештар аз 16 млн сомонӣ дар давоми 18 моҳ аз рӯи нақшаи мукаммал, мутобиқ ба стандартҳои байналмиллалӣ сохта шудааст.

Баъди ифтитоҳи бинои мактаб Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар суҳбат бо омӯзгорону хонандагон ва фаъолони ҷамоати деҳоти Сангтӯдаи ноҳияи Данғара, оид ба дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати мамлакат барои рушди соҳаи маориф ва беҳдошти сатҳи таълиму тарбия, ҷалби фарзандон ба таҳсил андешаронӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки дар замони истиқлолият дар ноҳияи Данғара аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 40 бинои нав ва биноҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои беш аз 12 ҳазор ҷойи нишаст ба истифода дода шудааст.

Устодону хонандагони мактаб ба Сарвари давлат барои дастгирии ҳамаҷониба ва ғамхориҳои рӯзафзун изҳори сипосу қадрдонӣ карданд.

## БА ИСТИФОДА ДОДАНИ МАКТАБИ №8 ДАР ДЕҲАИ ХУРРАМЗАМИНИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

12 майи соли ҷорӣ дар ноҳияи Данғара Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар расми мавриди баҳрабардорӣ қарор додани бинои наву замонавии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и деҳаи Хуррамзамини ноҳияи Данғара иштирок намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои тантанавӣ расман ба фаъолияти мактаби нав дар деҳаи Хуррамзамин оғоз бахшида, ҳамаи омӯзгорону шогирдон ва падару модаронро ба муносибати ифтитоҳи ин боргоҳи илму маърифат самимона табрик гуфтанд ва ба тарбиятгирандагони он дар ҷодаи азхудкунии донишҳои муосир комёбиҳо орзу намуданд.

Сохтмони мактаби нав дар доираи дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи октябри соли 2015 оғоз гардида, пеш аз муҳлат дар ин рӯзҳои баҳорӣ анҷом дода шудааст.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8 бо саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди Саудии Рушд аз ҷониби Марказы татбиқи лоиҳаи сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо харҷи зиёда аз 15 миллион сомонӣ ва тарҳу услуби нотакрори сохтмонию меъморӣ бунёд гардидааст. Бинои мактаб аз қисматҳои алоҳидаи ду ва сеошёна иборат буда, 24 синфхона дорад ва бо назардошти кабинетҳои фаннӣ барои 560 ҷойи нишаст дар як баст пешбинӣ шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар синфхонаҳои алоҳида ва толору маҷлисгоҳҳои мактаби нав бо корҳои сохтмонӣ ва шароити муҳайёкардашуда шинос гардида, ба сифати корҳо, ки аз ҷониби ширкату иттиҳодияҳои сохтмонии ватанӣ анҷом дода шудаанд, баҳои баланд доданд. Дар ҳар толору синфхонаҳои мактаби нав истиқболи Пешвои миллат самимӣ ва шукӯҳманд буд.

Дар мактаби нав ҳафт кабинети фаннӣ, аз ҷумла кабинети физика, химия, биология ва касбомӯзӣ барои духтарону писарон амал менамояд, ки дорои таҷҳизоту дастгоҳҳои муосири илмомӯзию касбомӯзӣ мебошанд. Толори ҳунаромӯзӣ барои духтарон бо таҷҳизоти муосири дӯзандагӣ таъмин карда шудааст ва хоҳишмандон метавонанд, дар ин ҷо нозукиҳои атласу адрасбофӣ ва қолинбофиро аз худ намоянд.

Дар мактаби сохти нав, ҳамчунин, синфхонаҳои компютерӣ, лингофонӣ ва кабинети инкишофи кӯдак барои наврасони синни томактабӣ бунёд шудааст, ки аз таҷрибаҳои самаровар дар соҳаи маориф ба ҳисоб мераванд.

Толори барҳавои варзишӣ барои зиёда аз 180 ҷойи нишаст, маҷлисгоҳ барои 200 ҷой, ошхона барои 60 нафар ва китобхонаю толори хониши электронӣ барои 32 нафар аз бартариятҳои дигари ин мактаби нав мебошад, ки мавҷудияти онҳо барои аҳолии мактабхони деҳаи Хуррамзамин аз навгониҳои азими даврaи соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб мераванд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асnои шиносоӣ бо тарҳи сохтмони бинои асосии мактаб, синфхонаҳо, кабинетҳои фаннӣ, маҷлисгоҳ, толору майдонҳои варзиш ва дигар иншооти хизматрасон ба масъулини дахлдор дастур доданд, ки бо назардошти афзун будани шумораи аҳолии деҳот лоиҳаи сохтмони бинои таълимии иловагии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-ро таҳия ва пешниҳод намоянд.

Дар саҳни бинои мактаби нав Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, бори дигар аз дастгирию таваҷҷуҳи доимӣ ба соҳаи маориф ва ҷалби насли ҷавону наврас ба донишомӯзию азхуднамоии забонҳо ва технологияи муосир ёдовар шуданд.

***www.prezident.tj***

# ОИННОМАИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Асосҳои ҳуқуқии Иттифоқи касаба**

1.Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Иттифоқи касаба) ташкилоти ҷамъиятии худидоракунанда буда, кормандони муассиса, ташкилот, иттиҳодия ва корхонаҳоро новобаста аз шакли ташкили ҳуқуқӣ, моликият ва тобеияташон, муассисаҳои таълимӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз лиҳози манфиатҳои умумӣ дар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои аъзояш аз рӯи принсипҳои соҳавӣ муттаҳид менамояд.

2.Иттифоқи касаба фаъолияти худро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ», «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст ва Оинномаи мазкур ба роҳ мемонад.

3.Иттифоқи касаба дар фаъолияташ мустақил мебошад, дар назди мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корфармоён, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилоти (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ вобаста ва ҳисоботдиҳанда набуда, таҳти назорати онҳо қарор намегирад. Бо онҳо ҳамкориро дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

4.Сохтори Иттифоқи касаба аз Итифоқи касабаи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ташкилоти ибтидоӣ, муассисаҳои таълимӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

5.Тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Иттифоқи касаба бо пешниҳоди раиси Иттифоқи касаба ва ҳадди ақал аз се ду ҳиссаи аъзои пленум ва вакилони анҷумани иттифоқи касаба қабул карда мешавад.

6.Низомнома ва санадҳои кумитаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ, ноҳияҳо ва ташкилоти ибтидоӣ, ки ба Оинномаи мазкур мухолифат мекунад, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

7.Иттифоқи касаба Оиннома ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии локалиро мустақилона қабул менамояд.

8.Тартиби бақайдгирии Оинномаи Иттифоқи касаба тибқи талаботи қонун дар мақомоти ваколатдори давлатӣ сурат мегирад.

9.Иттифоқи касаба тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои суратҳисоб, муҳри ягона, тамға (штамп), бланк бо номи расмии Иттифоқи касаба, рақами мушаххас, молу мулк, сомона, нишон, парчам, парчами сайёр, вимпел, васоити ахбори омма, билети аъзогии иттифоқи касаба, шаҳодатнома, сипоснома, ифтихорнома, нишони сарисинагӣ, корманди фахрии Иттифоқи касаба ва раҳматнома мебошад, ки шакли он дар мақомоти Иттифоқи касаба тасдиқ карда мешавад.

10.Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад озодона ба Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва ташкилоти иттифоқҳои касабаи байналмилалӣ аъзо шавад ва аз аъзогии онҳо даст кашад.

11.Иттифоқи касаба фаъолияти ташкилоти иттифоқи касабаи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ташкилоти ибтидоӣ, муассисаҳои таълимӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯйи аломатҳои соҳавӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ муттаҳид намуда, ҳамоҳанг месозад.

12.Номи ташкилот бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ:

-бо забони тоҷикӣ: Ташкилоти ҷамъиятии «Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон».

-бо забони русӣ: Общественная организация «Профсоюз работников образования и науки Республики Таджикистан».

-бо забони англисӣ: Trade uniөn өf education and scince wөrkers өf Republic өf Tajikistan.

-шакли кӯтоҳкардашуда, Иттифоқи касаба.

13.Суроғаи ҳуқуқӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 20.

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

1.Дар Оинномаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

-Анҷуман - мақомоти олии Иттифоқи касаба буда, дар 7 сол як маротиба баргузор мегардад.




-аъзои иттифоқи касаба – корманд, донишҷӯӣ, кормандони мавсимӣ, нафақахӯроне, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ фаъолият мекунанд ва шахсоне, ки дар қайди ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба буда, ҳаққи аъзогӣ мепардозанд, Оинномаи Иттифоқи касабаро эътироф менамоянд ва ба синни 15 расидаанд;

-бюрои иттифоқи касаба - мақомоти иҷроияи интихобию машваратии ҷузъи таркибии ташкилоти иттифоқи касабаи муассисаҳои таълимӣ мебошад;

-бозрасии ҳифзи меҳнат-мақомотест, ки назорати ҷамъиятии иттифоқи касабаро ҷиҳати аз ҷониби корфармоён ва намояндагони онҳо риоя шудани талаботи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии меҳнатӣ дошта, инчунин вобаста ба дигар масъалаҳои иҷтимоӣ, меҳнатӣ дар муассисаю ташкилотҳо ва корхонаҳо, новобаста аз шакли моликият, тобеият ва ташкилӣ-ҳуқуқиашон назорати ҷамъиятӣ мебарад;

-гурӯҳи иттифоқи касаба - зинаи ибтидоӣ, ҷузъи таркибии иттифоқи касаба буда, дар кафедра, шуъба, озмоишгоҳ, гурӯҳҳои академии донишҷӯён, бакалавр, магистр, хонандагон, корхонаҳо ва муассисаю ташкилот ташкил карда мешавад;

-донишҷӯ-шахсе, ки дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ (бакалавриат, магистратура ва мутахассис) таҳсил менамояд;

-иттифоқи касаба - ташкилоти ҷамъиятие мебошад, ки шаҳрвандонро аз лиҳози манфиатҳои умумӣ дар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёнаш дар соҳаи маориф ва илм муттаҳид менамояд;

-кадри иттифоқи касаба (корманди иттифоқи касаба) - шахсе, ки бо иттифоқи касаба бо ҷой доштани воҳидҳои корӣ дар асоси шартномаи меҳнатӣ, фармоиш ва ё бо қарори мақомоти ҷумҳуриявӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор дорад;

-кворум – шумораи кофии иштирокчиёни расмии маҷлис, конференсия, анҷуман, пленум, раёсат, ки барои қонунӣ шудани қарорҳо райъи онҳо зарур мебошад;

-кооптатсия - ҳайати худро мустақилона пурра кардани мақомоти интихобии иттифоқи касаба бе дахолати дигар мақомот;

-корманд – шахси воқеии ҷисмонӣ, ки бо корфармо дар асоси шартномаи меҳнатии басташуда, дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор дорад;

-конференсия - мақомоти иттифоқи касаба дар сатҳи вилоят, шаҳр, ноҳия, муассисаҳои таълимӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар 7 сол як маротиба баргузор мегардад;.

-корфармо - мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои он новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шахси воқеӣ, ки тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи бо корманд бастан ва қатъ намудани шартномаи меҳнатиро дорад;

-кумита - мақомоти роҳбарикунандаи интихобию машваратии доимоамалкунандаи иттифоқи касаба дар байни анҷуман, конференсия ва маҷлиси умумӣ доир мегардад;

-қарор- ҳуҷҷате, ки аз тарафи мақомоти иттифоқи касаба дар анҷуман, конференсия, маҷлиси умумӣ, пленум ва ҷаласаи раёсат тариқи овоздиҳӣ қабул карда мешавад;

-мақомоти иттифоқи касаба - мақомоте, ки мутобиқи талаботи Оиннома ва низомномаҳои Иттифоқи касаба таъсис ёфта, тавассути онҳо Иттифоқи касаба ваколатҳои худро амалӣ менамояд;

-маҷлиси умумӣ - мақомоти ташкилоти ибтидоии Иттифоқи касаба буда, дар 7 сол як маротиба баргузор мегардад;

-муҳассил - шахси воқеиест (хонанда), ки дар муассиса, муассисаи таълимии касбӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунад;

-молик – шахсе, ки ҳуқуқ дорад мутобиқи салоҳдиди худ нисбати молу мулкаш ҳама гуна амалро раво бинад, аз ҷумла онро ба дигар ашхос фурӯшад, худ молик монаду ҳуқуқҳояшро дар мавриди соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулк ба онҳо вогузорад, молу мулкро ба иҷора диҳад ва аз он бо усули дигар истифода барад ё онро ба тарзи дигар ихтиёрдорӣ кунад;

-намояндаи иттифоқи касаба (шахси эътимоднок) - ташкилотчии гурӯҳи иттифоқи касаба, раиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба ё раиси Кумитаи иттифоқи касабаи ҷумҳуриявӣ, ВМКБ, вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ё шахси дигаре, ки мутобиқи Оиннома ё бо қарори мақомоти дахлдори иттифоқи касаба барои намояндагӣ ваколатдор карда шудааст;

-нозири ҳуқуқ-шахси ваколатдори иттифоқи касаба оид ба назорати ҷамъиятии риояи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ташкилоту муассиса, корхона, инчунин тартиби иҷрои созишнома ва шартномаи коллективиро назорат мекунад. Нозири ҳуқуқ ҳамчун шахси ваколатдор бемамоният дар ташкилоту муассиса, корхона новобаста аз шакли моликият, тобеият ва шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ҳамчунин дар фаъолияти шахсони воқеӣ ва мансабдор риояи талаботи ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатро санҷида, барои риоя нагардидани талаботи ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва ошкор гардидани қонуншиканиҳо санад (амрнома) тартиб дода, барои бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида ба корфармо пешниҳод менамояд;

-нозири меҳнат –шахси ваколатдори иттифоқи касаба оид ба назорати шароити меҳнат, ҳифзи меҳнат тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бехатарии истеҳсолотро дар ташкилоту муассиса, корхона новобаста аз шакли моликият, тобеият, шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ҳамчунин дар фаъолияти шахсони воқеӣ ва мансабдор назорат мебарад. Дар кори комиссияҳо оид ба санҷиш ва ба истифода додани иншооти истеҳсолӣ ва воситаҳои истеҳсолӣ ба ҳайси коршиноси мустақил иштирок менамояд;

-пленум – шакли маҷлиси мақомоти интихобию машваратӣ ва роҳбарикунанда буда, ухдадориҳои Оиннома ва иҷрои қарорҳои анҷуман ва конференсияро назорат менамояд;

-протокол –ҳуҷҷати расмикунонидани сабти масъалаҳои баррасишаванда дар маҷлис, конференсия, анҷуман, ҷаласаи кумита (пленум), раёсат, бюро, гурӯҳ тартиб дода мешавад;

-раёсат – мақомоти иҷроияи интихобию машваратӣ буда, аз тарафи аъзои кумита интихоб карда мешавад;

С. 2-7

-рамз - тасвирҳои шартӣ, ки дар қонун барои ифодаи аломату паҳлуҳои муҳимтарини ҳодисаҳои ҳуқуқиву давлатӣ, амалиётҳои ҳуқуқӣ ва эҳтирому муносибат нисбати давлат ва ҷомеа, арзишҳои аввалиндараҷаи онҳо истифода мешаванд;

-регламент - тартиби гузаронидани маҷлиси мақомоти иттифоқи касаба;

-сохтори ташкилоти иттифоқи касаба- иттифоқи касаба аз рӯйи аломатҳои соҳавӣ ва ҳудудӣ ташкил карда мешавад;

-собиқаи иттифоқи касаба – аз лаҳзаи аъзоҳақӣ супоридан то даврае, ки аъзои иттифоқӣ касаба мебошад;

-ташкилоти ҷумҳуриявии иттифоқи касаба- ташкилоти иттифоқи касабаи соҳаи маориф ва илмро муттаҳид намуда, тибқи Оинномаи мазкур фаъолият менамояд.

- ташкилоти иттифоқи касабаи ВМКБ, вилоятӣ ва ш. Душанбе, - дар асоси муттаҳидшавии ташкилоти ноҳиявӣ ва шаҳрии иттифоқи касабаи дар ҳудуди ВМКБ, вилоятӣ ва ш. Душанбе ҷойгиршуда таъсис дода мешавад;

-ташкилоти иттифоқи касабаи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ – дар асоси муттаҳидшавии ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаи дар ҳудуди шаҳр ва ноҳия ҷойгиршуда таъсис дода мешавад;

-ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба – дар асоси Оинннома ва ё Низомномаи Иттифоқи касаба аъзои иттифоқи касабаеро, ки дар як муассиса, ташкилот, корхона, ҷамъият новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ кор мекунанд ё дар як муассисаи таълимӣ таҳсил менамоянд, муттаҳид менамояд, таъсис дода мешавад;

-ташкилотчии гурӯҳи иттифоқи касаба-мақомоти иҷроияи ваколатдори интихобӣ дар гурӯҳи иттифоқи касаба мебошад;

-фаъолони иттифоқи касаба - аъзои иттифоқи касабае, ки вазифаҳои оинномавиро иҷро намуда, дар ҳаракат, рушд ва дастовардҳои иттифоқи касаба саҳми муносиб мегузоранд;

-ҳаққи аъзогӣ - пардохти маблағи аъзоҳақии иттифоқи касаба ба ташкилоти иттифоқи касаба мебошад, ки барои иҷрои вазифаҳои оинномавии иттифоқи касаба истифода карда мешавад;

-ҳуқуқи моликият – ҳуқуқи қонунан эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект мебошад, ки тибқи салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулкаш мебошад;

-ҷузъҳои таркибии ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба - бо қарори мақомоти дахлдори интихобию машваратии иттифоқи касаба ташкил карда мешаванд.

## БОБИ II. МАҚСАД, ВАЗИФА, УСУЛ ВА ПРИНСИПҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

### Моддаи 3. Мақсади Итифоқи касаба

1.Ҳифз намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатӣ, касбӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва зеҳнии аъзои иттифоқи касаба мебошад.

2.Намояндагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли фаъолият, моликият, шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеъияташон ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, касбӣ, иҷтимоӣ иқтисодӣ, маънавӣ ва зеҳнии аъзои иттифоқи касабаро амалӣ менамояд.

3.Муттаҳид намудани кормандони муассисаҳои таълимӣ, ташкилот, корхонаҳо ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4.Баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, шароити арзандаи зиндагӣ, маоши хуб ва ҳимояи ҳуқуқҳои аъзои иттифоқи касаба.

### Моддаи 4. Вазифаҳои Иттифоқи касаба

1.Назорати пардохти музди меҳнат, стипендия ва кӯмакҳои иҷтимоии аъзои иттифоқи касаба.

2.Ҳифзи манфиатҳои аъзои иттифоқи касаба дар ҳамаи зинаҳои мақомоти судӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

3.Намояндагӣ дар раванди шарикии иҷтимоӣ.

4.Мусоидат намудан бахри амалигардонии сиёсати афзалиятноки давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм барои маълумоти ройгон гирифтани аъзои иттифоқи касаба.

5.Назорати ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, касбӣ, иҷтимоӣ иқтисодӣ, маънавӣ ва зеҳнии аъзои иттифоқи касаба.

6.Назорати ҷамъиятӣ тибқи талаботи қонунҳо ҷиҳати муҳайё намудани шароити мусоид ва бехатарии меҳнат дар муассисаҳои таълимӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

7.Назорат оид ба гузаронидани аъзои иттифоқи касаба аз курсҳои такмили ихтисос.

8.Пешниҳод оид ба дохил намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

9.Иштирок дар тартиб додани барномаҳои иҷтимоӣ ба манфиати аъзои иттифоқи касаба.

10.Иштирок дар омода намудани барномаҳои давлатӣ, рушди соҳаи маориф, илм ва шуғли аҳолӣ.

11.Иштирок ва намояндагӣ дар омода намудан ва амалигардонии сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат.

12.Иштирок ва намояндагӣ дар комиссияҳои баҳсҳои меҳнатӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатии аъзои иттифоқи касаба.

13.Ҳифзи ҳуқуқҳои (иҷтимоӣ) аъзои иттифоқи касаба ҳангоми ихтисори воҳидҳои корӣ, азнавташкилдиҳӣ ва ё қатъ намудани фаъолияти муассиса, ташкилот ва корхонаҳо.

14.Иштирок ва намояндагӣ дар гузаронидани гуфтушунидҳои коллективӣ, бастани созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ва назорати ҷамъиятии онҳо, аз номи аъзои иттифоқи касаба.

15.Иштирок ва намояндагӣ дар гузаронидани мониторинги муайян намудани сатҳи зиндагии аъзои иттифоқи касаба, меъёри ҳадди ақали музди меҳнат ва сабади истеъмолӣ.

16.Иштирок ва намояндагӣ дар таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба сиёсати ҷавонон, гендерӣ ва дигар барномаҳо бо мақомоти ваколатдори давлатӣ.

17.Иштирок ва намояндагӣ дар ҷаласаҳои мушовараҳо ва комиссияҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ.

18.Иштирок ва намояндагӣ дар идораи фонди манзили давлатию ҷамъиятӣ ва таъмини муҳофизату тақсимоти он тибқи талаботи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

19.Шомил шудан дар комиссияи тақсимоти хобгоҳҳои умумӣ ба кормандону хизматчиён, донишҷӯёну хонандагон ва дигар шахсоне, ки ба воқеӣ дар давраи кор ё таҳсил дар муассиса, корхона ва ташкилот новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон.

20.Ба ташкилоти иттифоқи касаба ва аъзои иттифоқи касаба додани маслиҳати ройгони ҳуқуқӣ ва иттилоотию методӣ.

21.Мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳо маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, пикетгузориҳо, роҳпаймоиҳо ва дигар чорабиниҳоро чун воситаи мубориза барои беҳтар намудани шароити меҳнат, баланд бардоштани музди меҳнат, кам кардани сатҳи бекорӣ, муттаҳид намудани меҳнаткашон дар мубориза барои ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, муҳофизат аз худсарии корфармо, таъсир расонидан ба мақомоти ваколатдори давлатӣ бо мақсади пеш бурдани сиёсати иқтисодиву иҷтимоӣ, ки ба талаботи қонун ҷавобгӯ бошад, ташкил менамояд ва мегузаронад.

22.Тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар барассии баҳсҳои меҳнатии фардӣ, коллективӣ иштирок ва намояндагӣ мекунад.

23.Барои ташвиқу тарғиби мақсад, вазифа, усул ва асосҳои фаъолияти худ иштирок ва намояндагӣ мекунад ва бо ҳамин мақсад аз воситаҳои ахбори омма истифода менамояд.

24.Барои ба даст овардани мақсад ва ҳалли масъалаҳои оинномавиаш ба воситаи намояндагони ваколатдор дар мақомоти интихобии ҳамаи зинаи сохтори ваколатдори давлатӣ масъалагузорӣ менамояд.

25.Дигар вазифаҳоеро, ки қонун назорати ҷамъиятиро ваколатдор кардааст, амалӣ менамояд.

### Моддаи 5. Принсипҳои фаъолияти Иттифоқи касаба

1.Муттаҳидӣ ва ягонагӣ дар қабули қарорҳо тибқи муқаррароти Оинномаи Иттифоқи касаба.

2.Ихтиёран аъзо шудан ба иттифоқи касаба ва даст кашидан аз он.

3.Баробарҳуқуқии ҳамаи аъзои иттифоқи касаба.

4.Ҳамраъйӣ, ёрии ҳамдигарӣ, масъулиятшиносӣ дар назди аъзои иттифоқи касаба барои амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои оинномавӣ.

5.Қабули қарорҳои анҷуман, конференсия, маҷлис, пленум ва раёсат тариқи овоздиҳӣ.

6.Шаффофият ва ошкорбаёнӣ.

7.Ҳатмӣ иҷро намудани қарорҳои қабулгардидаи мақомоти иттифоқи касаба.

8.Ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, касбӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва зеҳнии аъзои иттифоқи касаба, эҳтироми андешаҳои башардӯстона.

9.Интихобӣ будани аъзои мақомоти иттифоқи касаба ва ҳисоботдиҳанда будани раис дар назди он.

10.Мустақил будани ташкилоти иттифоқи касаба ва мақомоти интихобии он дар доираи ваколатҳои оинномавӣ ва талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

11.Шаффофият ва риояи низоми молиявии мақомот ва ташкилоти иттифоқи касаба.

12.Ба амал баровардани сиёсати кадрӣ, инчунин ба роҳ мондани омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон ва фаъолони иттифоқи касаба.

## III. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ АЪЗОИ (УЗВИ) ИТТИФОҚИ КАСАБА

### Моддаи 6. Ҳуқуқҳои аъзои иттифоқи касаба

1.Аз имтиёзҳои дар созишнома ва шартномаҳои коллективӣ пешбинигардида, ки байни корфармо ва ташкилоти иттифоқи касаба баста шудааст, истифода намояд.

2.Аз ваколатҳои Иттифоқи касаба барои ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, касбӣ, зеҳнӣ ва дигар манфиатҳои қонунии худ истифода намояд.

3.Истифодаи ройгони адвокат аз тарафи Иттифоқи касаба вобаста ба фаъолияти касбӣ дар соҳа ва ташхиси тиббӣ ҳангоми гум кардани қобилияти меҳнатӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ.

4.Истифода аз фонди Иттифоқи касаба тибқи талаботи Низомномаи фонд, хизматрасониҳои кооперативӣ, қарздиҳӣ дар асоси талаботи Оиннома.

5.Номзади худро барои интихоб шудан ба мақомоти роҳбарикунандаи иттифоқи касаба пешбарӣ намояд, вакил ба маҷлиси умумӣ, конференсия ва анҷуман пешниҳод кунад, интихоб кунад ва интихоб шавад.

6.Барои бурдани музокироти коллективӣ, таҳия, муҳокима ва бастани созишнома ва шартномаи коллективӣ таклифу пешниҳод манзур созад.

7.Дар маҷлис, конференсия ва дигар чорабиниҳое, ки иттифоқи касаба мегузаронад, иштирок намояд.

8.Аз имтиёзҳои иттифоқи касаба вобаста ба собиқаи корӣ дар ташкилот, роҳхатҳои имтиёзнок ба осоишгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо ва маҳмаҳои варзишии иттифоқи касаба ройгон тибқи тартиб истифода намояд.

9.Барои пурзӯр гардидани ҳаракати иттифоқи касаба таклифу пешниҳодҳоро дар доираи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Иттифоқи касаба ирсол намояд.

10.Аз муассисаҳои фарҳангию варзишӣ ва амволи иттифоқи касаба ба таври ройгон, имтиёзнок ва подошпулӣ тибқи тартиб истифода барад.

11.Дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои вакилони халқи ВМКБ, вилоят шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия иштирок намояд, интихоб кунад ва интихоб шавад.

12.Фаъолияти иттифоқи касабаро тибқи талаботи қонун озодона дар маҷлис, конференсия, Анҷумани Иттифоқи касаба ва васоити ахбори омма мавриди муҳокима қарор диҳад ва нуқтаи назари худро баён кунад.

13.Аз хазинаи ёрии ҳамдигарии иттифоқи касаба, фонди ҳамраъйии иттифоқи касаба истифода намояд.

14.Дар идоракунии муассисаҳои соҳаи маориф ва илм иштирок намуда, барои беҳтару хубтар шудани фаъолияти онҳо таклифу пешниҳодҳо намояд. Камбудиҳои дар кори аъзои коллективи меҳнатӣ бударо ошкоро гӯяд ва роҳҳои ҳалли онро пешниҳод намояд.

15.Барои дастовардҳои меҳнатӣ ва иштироки фаъол дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо сипоснома, ифтихорнома, туҳфа, нишони сарисинагӣ ва мукофотҳои иттифоқи касаба, соҳавӣ, унвонҳои фахрӣ, мукофотҳои давлатӣ ва роҳхатҳои ройгон барои барқароркунии саломатӣ ва истироҳат пешниҳод карда шавад.

16.Тибқи талаботи қонун ва Оинномаи мазкур дар гирдиҳамоиҳо, роҳпаймоиҳо ва корпартоиҳои эълонгардида иштирок намояд.

17.Ихтиёран бо аризаи хаттӣ ба иттифоқи касаба аъзо шавад ва аз аъзогӣ даст кашад.

18.Дигар ҳуқуқҳоеро, ки қонун дар фаъолияти Иттифоқи касаба кафолат додаст, истифода намояд.

### Моддаи 7. Уҳдадориҳои аъзои иттифоқи касаба

1.Оиннома ва Низомномаи Иттифоқи касабаро риоя намояд, талаботҳои онро иҷро кунад, дар кори ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба иштирок карда, қарорҳои мақомоти иттифоқи касабаро иҷро намояд.

2.Дар таҳияи созишнома ва шартномаҳои коллективӣ иштирок карда, фикри худро ошкоро ва озодона баён намояд ва таклифу пешниҳодҳо кунад.

3.Шартҳоеро, ки дар созишнома ва шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ гардидааст, иҷро намояд.

4.Барои обрӯ ва мақоми иттифоқи касабаро баланд бардоштан мусоидат намояд.

5.Ҳангоми вакил интихоб шудан, дар кори маҷлис, конференсия, анҷумани ташкилоти иттифоқи касаба иштирок намояд.

6.Мунтазам ҳаққи аъзогии ташкилоти иттифоқи касабаро дар ҳаҷми як фисад аз маоши музди меҳнат, стипендия ва аз ҳамаи намуди даромадҳо пардохт намояд.

7.Эҳтиром гузоштан ба Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, забон, фарҳанг ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8.Арҷ гузоштан ба арзишҳои Иттифоқи касаба.

9.Дигар уҳдадориҳоеро, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд, иҷро намояд.

**Моддаи 8.Қабул ва хориҷ кардан аз аъзогии иттифоқи касаба**

1.Қабул кардан ба аъзогии иттифоқи касаба дар асоси аризаи шахсӣ ва аз лаҳзаи аъзоҳаққӣ супоридан ба ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаи соҳаи маориф ва илм, ташкилоти ибтидоии марзию маъмурӣ ва ҳудудии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

2.Аъзогӣ ба иттифоқи касаба ва собиқаи иттифоқи касаба аз лаҳзаи додани ариза ва супоридани аъзоҳаққӣ барои дохил шудан ба иттифоқи касаба ҳисобида мешавад. Ба аъзои иттифоқи касаба билети аъзогии иттифоқи касаба дода мешавад, ки он ҳуҷҷати тасдиқкунандаи аъзои иттифоқи касаба мебошад.

Шахсе, ки аъзоҳаққӣ тариқи нақдӣ ва ё ғайринақдӣ пардохт менамояд, аъзои иттифоқи касаба мебошад.

3.Узвият ва ё аъзогии иттифоқи касаба бо сабабҳои зерин қатъ карда мешавад:

-ҳангоми вафот;

-аз аъзогии иттифоқи касаба хориҷ шудан.

4.Хориҷ намудан аз аъзогии иттифоқи касаба, дар асоси аризаи шахсии аъзо дар маҷлиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаи дахлдор ҳал карда мешавад.

5.Қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатии корманд дар муассисаи таълимӣ, ҳангоми ба нафақа баромадани кормандоне, ки муносибатҳои меҳнатиро дар муассисаҳои таълимӣ қатъ гардонидаанд, амалӣ мегардад.

6.Интихоб ва ё гузаштан ба кор, ба дигар соҳа.

7.Дар давоми се моҳ бе сабабҳои узрнок напардохтани ҳаққи аъзогӣ ва ба таври мунтазам иҷро накардани уҳдадориҳои оинномавӣ.

8.Дар ҳолати содир кардани ҷиноят, ки ба ҳаракати иттифоқи касаба ва шаъну шараф ва эътибори ташкилоти Иттифоқи касаба зарар ё иснод меорад.

9.Шахсе, ки аз аъзогии иттифоқи касаба хориҷ мешавад, аз имтиёзҳои иттифоқи касаба, аз ҳимояи ваколатҳои иттифоқи касаба, инчунин аз моликияти иттифоқи касаба истифода бурда наметавонад. Ҳаққи аъзогие, ки дар ташкилоти иттифоқи касаба пардохт намудааст, бозпас гардонида намешавад.

10.Шахс ҳуқуқ дорад, ки аз нав барои аъзо шудан ба иттифоқи касаба хаттӣ муроҷиат намояд ва аз рӯи асосҳои умумӣ дар ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба ба қайд гирифта мешавад.

**Моддаи 9.Нигоҳ доштани собиқаи аъзогӣ дар иттифоқи касаба**

1.Собиқаи аъзогӣ дар ҳолатҳои зерин нигоҳ дошта мешавад:

-ҳангоми ба рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд баромадан;

-ҳангоми ба рухсатии нигоҳубини кӯдак ва таҳсил баромадан;

-дар хизмати харбии ҳатмӣ будан;

-ба корҳои мавсимӣ машғул будан;

-ҳангоми ба рухсатии академӣ баромадан;

-ҳангоми бекорӣ ё давраи ноилоҷ ба кор набаромадан;

-шахсоне, ки муваққатан тибқи шартнома ба хориҷи кишвар ба кор рафтаанд, дар давраи дар хориҷа буданашон;

-ва дигар ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст.

**Моддаи 10.Ҳавасмандгардонии аъзои иттифоқи касаба**

1.Аъзои иттифоқи касаба барои иштироки фаъол дар корҳои Иттифоқи касаба, комёбиҳо дар фаъолияти меҳнатӣ, фаъолияти кории бенуқсон, навоварӣ ва дигар дастовардҳои меҳнатӣ дар чунин шаклҳо ҳавасманд гардонида мешаванд:

-бо мукофотҳои давлатӣ;

-бо мукофотҳои соҳавӣ;

-бо унвонҳои фахрӣ ва ҷоизаҳои давлатӣ;

-бо Сипоснома;

-бо Ифтихорнома;

-бо Нишони сарисинагӣ;

-бо Корманди фахрии Иттифоқи касаба;

-бо мукофотҳои Иттифоқҳои касабаи байналмилалӣ;

-бо Раҳматнома;

-бо мукофотпулӣ;

-бо ҳавасмандкунии моддӣ ва маънавӣ;

-бо дигар намуди ҳавасмандгардонӣ, ки дар созишнома ва шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ гардидаанд.

**Моддаи 11.Ҷазои интизомӣ ба аъзои иттифоқи касаба**

1.Ба аъзои иттифоқи касаба барои иҷро накардани вазифаҳои оинномавӣ, инчунин барои амалҳои номатлубе, ки нуфузу эътибор, ягонагии иттифоқи касабаро паст мекунад ва барои вайрон кардани интизоми меҳнат ҷазои интизомии зерин дода мешавад:

-сарзаниш;

-танбеҳ;

-танбеҳи қатъӣ;

-хориҷ намудан аз аъзогии иттифоқи касаба.

2.Масъалаи пеш аз муҳлат беэътибор гардондани ҷазои интизомии аъзои иттифоқи касабаро мақомоти ҷазодиҳанда ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ, бо хоҳиши аъзои иттифоқи касаба, бо тавсияи ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба бардорад. Муҳлати эътибори ҷазои интизомӣ шаш моҳро дар бар мегирад ва баъди гузаштани ин муҳлат, ҷазо қувваи худро гум мекунад.

3.Қарор оид ба додани ҷазои интизомӣ дар маҷлиси ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба, мақомоти интихобии машваратӣ, ташкилоти ибтидоии ҳудудии иттифоқи касаба бо иштироки аъзои иттифоқи касаба қабул карда мешавад. Дар сурати аз иштирок кардан даст кашидани аъзои иттифоқи касаба ё ин ки бе сабабҳои узрнок иштирок накардан, масъалаи додани ҷазои интизомӣ бе иштироки ӯ баррасӣ карда мешавад.

4.Қарор оид ба додани ҷазои интизомӣ ба аъзои иттифоқи касаба ҳамон вақт қабулгардида ҳисобида мешавад, ки агар ба тарафдорин он аз 3/2 ҳиссаи иштироккунандагони маҷлиси мақомоти интихобию машваратии дахлдор, ҳангоми мавҷуд будани кворум овоз диҳанд ва фармоиш ба тасвиб расонида шавад.

5.Ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба амалишавии ҳуқуқи аъзои худро, ки дар Оинномаи Иттифоқи касаба дарҷ гардидааст, таъмин менамояд.

**IV. СОХТОРИ ТАШКИЛИИ ИТТИФОҚИ КАСАБА**

**Моддаи 12.Сохтори Иттифоқи касаба**

1.Иттифоқи касаба дар асоси принсипи соҳавӣ ҳудудӣ ташкил гардида, ташкилоти ибтидоӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятиро аз рӯи ҳудудию маъмурӣ дар ташкилоти ҷумҳуриявӣ муттаҳид менамояд.

2.Иттифоқи касаба аз қисмҳои таркибии зерин иборат аст:

-ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаба таври ихтиёрӣ муттаҳид шудани аъзои иттифоқи касабае, ки дар як корхона, ташкилот, муассисаи таълимӣ фаъолият ва таҳсил менамоянд, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, тобеият ва моликият ташкил карда мешавад;

-ташкилоти ноҳиявӣ ва шаҳрии иттифоқи касабаба таври ихтиёрӣ муттаҳид шудани ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабае, ки онҳо тибқи воҳидҳои ҳудудию маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд, ташкил карда мешавад;

-ташкилоти иттифоқи касабаи ВМКБ, вилоятӣ ва шаҳри Душанбеба таври ихтиёрӣ муттаҳид шудани ташкилоти ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабае, ки онҳо дар воҳидҳои ҳудудию маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд, ташкил карда мешаванд.

3.Ҷадвали воҳидҳои корӣ ва маоши кормандони ташкилоти иттифоқи касабаи соҳаи маориф, аз ҷониби сармуҳосиби Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар ҷаласаи Кумита тасдиқ карда мешавад.

4.Ташкилоти ибтидоӣ ва ҳудудии иттифоқи касаба дар асоси Оинномаи мазкур, ки дар раёсат, пленум ва анҷумани Иттифоқи касаба тасдиқ шудааст ва дар мақомоти ваколатдори давлатӣ ба қайд гирифта шудааст, фаъолият менамоянд.

**V. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ КОРИ МАҚОМОТИ ИТТИФОҚИ КАСАБА**

**Моддаи 13.Тартиби ташкили кори мақомоти иттифоқи касаба**

1.Бо мақсади роҳбарӣ кардан ба Иттифоқи касаба ва сохторҳои таркибии (ташкилотҳо) он бо тартиби муқаррарнамудаи Оинномаи мазкур, мақомоти интихобӣ ва яккароҳбарӣ интихоб карда мешаванд, ки ваколату фаъолияти онҳо дар давраи байни маҷлисҳо, конференсияҳо ва Анҷумани Иттифоқи касаба амалӣ ва ба роҳ монда мешавад.

2.Мақомоти олии Иттифоқи касаба анҷуман, дар иттифоқи касабаи ҳудудию маъмурӣ конференсия, дар ташкилоти ибтидоӣ бошад, маҷлиси умумӣ ба ҳисоб меравад.

3.Вакилони анҷуман, конференсия ва аъзои маҷлиси умумӣ дар иттифоқи касабаи ҳудудию маъмурӣ дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар ва мустақим аз рӯи принсипҳои демократӣ, намояндагии мақомоти доимоамалкунандаи иттифоқи касабаи соҳавӣ интихоб мешаванд.

4.Вакилон дар анҷуман, конференсия дар асоси баробарҳуқуқӣ дар интихобот иштирок мекунанд ва ба ҳар кадоми онҳо як овоз доранд.

5.Иштирокчиёни маҷлис дар асоси баробарҳуқуқӣ дар интихобот иштирок мекунанд ва ба ҳар кадоми онҳо як овоз доранд.

6.Меъёри намояндагӣ ва тартиби интихоби вакилон ба анҷуман, ва конференсияиро пленуми дахлдори Иттифоқи касаба муқаррар менамоянд. Тартиби овоздиҳиро (ба таври кушода ё пӯшида) вакилони анҷуман ва конференсия муайян мекунанд.

7.Раис, муовини раис бо асосҳои ҷамъиятӣ, раиси комиссияи назоратию тафтишотӣ аз рӯи вазифа вакили анҷуман ва конференсия ҳисобида мешаванд.

8.Анҷуман, конференсия ва маҷлиси ғайринавбатӣ аз тарафи раиси иттифоқи касабаи дахлдор, бо хоҳиш ё талаби се ду ҳиссаи аъзои пленум, бо қарори мақомоти роҳбарикунандаи иттифоқи касаба, бо талаби на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои иттифоқи касабаи ташкилоти дахлдор ва бо пешниҳоди комиссияи назоратию тафтишотии дахлдор даъват карда мешаванд.

9.Рӯзнома ва санаи баргузории маҷлис на дертар аз 10 рӯз, конференсия на дертар аз як моҳ ва анҷуман на дертар аз ду моҳ эълон карда, ба иштирокчиён ва вакилон хабарнома расонида мешавад.

10.Маҷлиси иттифоқи касаба ҳамон вақт салоҳиятдор ҳисобида мешавад, ки агар дар кори он аз нисф зиёди аъзои ташкилоти иттифоқи касаба ширкат намоянд.

11.Конференсия, анҷуман ҳамон вақт салоҳиятдор ҳисобида мешаванд, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи вакилон иштирок намоянд.

12.Қарори маҷлис, конференсия ва анҷуман ҳамон вақт қабул карда мешавад, ки аксарияти иштирокчиёни маҷлис ва вакилони конференсияю анҷуман ба тарафдории он овоз дода бошанд.

**Моддаи 14. Мақомоти идоракунандаи (Кумитаи) Иттифоқи касаба**

1.Мақомоти роҳбарикунандаи иттифоқи касаба интихобӣ мебошад.

2.Бо мақсади дар давраи байни мақомоти олии Иттифоқи касаба ба роҳ мондани кор ва амалӣ намудани ваколатҳои онҳо дар ташкилоти Иттифоқи касаба ва қисмҳои таркибии он мақомоти идоракунанда интихоб карда мешавад.

3.Мақомоти роҳбарикунандаи иттифоқи касаба ба конференсия, анҷумани ҳисоботию интихоботии навбатӣ дар бораи фаъолияти худ ҳисобот медиҳад.

4.Ташкилоти иттифоқи касаба ва сохторҳои таркибии он давра ба давра дар муҳлатҳои ягона, ки мақомоти интихобии иттифоқи касабаи дахлдор муқаррар кардааст, ҳисоботу интихобот мегузаронанд.

5.Ҳисоботу интихобот дар чунин муҳлатҳо гузаронида мешаванд:

-дар гурӯҳи иттифоқи касаба, бюрои иттифоқи касаба дар 3 сол як маротиба;

-анҷумн ва конфронсҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия, муассисаҳои таълимӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 7 сол як маротиба гузаронида мешаванд;

-дар иттифоқи касабаи соҳаи маориф дар ҳама самтҳо се моҳа, шаш моҳа, нуҳ моҳа ва солона ҳисоботи даврӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти ташкилоти иттифоқи касаба дода мешавад, ки дар он фаъолияти иттифоқи касаба мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар охири сол ҷамъбаст гардида, қарори дахлдори мақомоти иттифоқи касаба қабул карда мешавад.

6.Санаи даъвати маҷлиси ҳисоботию интихоботӣ, конференсия, анҷуман ва рӯзномаи он дар чунин муҳлатҳо маълум карда мешаванд:

-маҷлис дар гурӯҳи иттифоқи касаба - на дертар аз 3 рӯз;

-маҷлис дар ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба на дертар аз 15 рӯз;

-конференсия дар ташкилоти иттифоқи касабаи ҳудуди ноҳиявӣ ва шаҳрӣ на дертар аз як моҳ;

-конференсия дар ташкилоти иттифоқи касабаи вилоятӣ на дертар аз як моҳ;

-анҷумани Иттифоқи касаба на дертар аз ду моҳ.

7.Интихоботи пеш аз муҳлати раиси ташкилоти Иттифоқи касаба, бо талаби аз се ду ҳиссаи аъзои иттифоқи касабаи дахлдор, бо қарори кумитаҳои Иттифоқи касабаи ҷумҳуриявӣ, ВМКБ, вилоятӣ ва бо пешниҳоди комиссияҳои назоратию тафтишотии дахлдор гузаронида мешаванд.

8.Санҷиши ваколатҳои аъзои иттифоқи касабае, ки ба ҳайати мақомоти интихобии иттифоқи касаба дар маҷлис, конференсия ва анҷуман намояндагӣ мекунанд, комиссияи доимоамалкунандаи ваколатиро интихоб менамоянд.

9.Мақомоти иттифоқи касаба бо роҳи пешбарӣ, интихоби бевосита ва ё намояндагӣ аз ҳар як ташкилоти иттифоқи касабаи соҳавӣ дар маҷлис, конференсия, анҷуман ташкил карда мешавад. Намояндаҳо ба ҳайати мақомоти болоии иттифоқи касаба бевосита вакил интихоб шуда, пас аз санҷиши ваколатҳои онҳо аз тарафи комиссияи ваколатӣ конференсия ва анҷуман тасдиқ мекунад.

10.Мақомоти иттифоқи касаба фаъолияти худро дар шакли пленум, раёсат ё дар кумитаҳои иттифоқи касабаи ҳудудии ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ба роҳ мемонанд.

11.Пленум ва раёсати иттифоқи касаба ҳамон вақт салоҳиятдор ҳисобида мешаванд, ки агар дар кори онҳо аз се ду ҳиссаи аъзояшон иштирок дошта бошанд. Санадҳои пленум ва раёсати иттифоқи касаба дар шакли қарор қабул мешаванд. Маҷлисҳои пленум ва раёсати иттифоқи касаба протокол карда мешаванд.

**Моддаи 15.Ваколат ва салоҳияти мақомоти болоии Иттифоқи касаба**

1.Фаъолияти мақомоти поёнии иттифоқи касабаро таҳлил намуда, назорат менамояд ва қарорҳои онҳо, ки бар хилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Оинномаи Иттифоқи касаба қабул карда шудаанд, бекор мекунад.

2.Дар рафти ҳисоботу интихобот, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ барои интихоби раисони иттифоқи касабаи ташкилоти ибтидоӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, муассисаҳои таълимӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон номзадҳоро аз ҳисоби захираҳои кадрӣ пешниҳод менамояд.

3.Мақомоти иттифоқи касабаро дар ҳудудҳои маъмурӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва вилоятӣ раиси иттифоқи касаба роҳбарӣ менамояд.

4.Раиси иттифоқи касаба дар ноҳия, шаҳр, вилоят, муассисаҳои таълимӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарви овоздиҳии кушода ё пӯшида аз тарафи вакилони конференсия интихоб карда мешавад.

5.Дар давраи байни конференсия ва анҷуман пеш аз муҳлат интихоб кардани раиси иттифоқи касаба дар ноҳия, шаҳр, вилоят ва ҷумҳурӣ бо сабабҳои ба кори дигар гузаштан, шаҳрвандии давлати дигарро соҳиб шудан, фавт, иҷро накардани вазифаҳои оинномавӣ, дар пленуми Кумитаи иттифоқи касабаи дахлдор интихоб карда мешавад. Раиси ташкилоти ибтидоӣ, ташкилотчии гурӯҳи иттифоқи касаба аз вазифаашон пеш аз муҳлат дар маҷлис ё ин ки дар ҷаласаи Кумитаи иттифоқи касабаи дахлдор бо аксарияти овозҳои иштирокчиёни ҷаласа, дар сурати мавҷуд будани кворум озод карда мешаванд.

**Моддаи 16.Номзад ба вазифаи раиси Иттифоқи касаба**

Шахсе номзад ба вазифаи раиси Иттифоқи касаба пешниҳод мегардад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ буда, забони давлатиро донад, синнаш аз 25 кам ва аз 63 боло набошад, шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта, аъзои иттифоқи касабаи дахлдор бошад.

## VI. МАҚОМОТИ ОЛӢ ВА ИДОРАКУНАНДАИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

**Моддаи 17.Мақомоти олии Иттифоқи касаба**

1.Мақомоти олии Иттифоқи касаба, анҷуман ба ҳисоб рафта, дар ҳафт сол як маротиба даъват карда мешавад.

2.Анҷуман ҳисоботи ҳафтсолаи фаъолияти Кумитаи иттифоқи касабаро мешунавад ва ба он баҳо медиҳад.

3.Анҷуман ҳисоботи ҳафтсолаи фаъолияти Комиссияи назоратию тафтишотиро мешунавад ва онро тасдиқ мекунад.

4.Кумитаи иттифоқи касаба - мақомоти роҳбарикунандаи машваратию доимоамалкунандаро ба муҳлати ҳафт сол интихоб менамояд.

5.Раиси Иттифоқи касабаро ба муҳлати 7 сол интихоб мекунад.

6.Комиссияи назоратию тафтишотии иттифоқи касабаро ба муҳлати 7 сол интихоб менамояд.

7.Протоколи Комиссияи назоратию тафтишотиро тасдиқ мекунад.

8.Самтҳои фаъолияти Иттифоқи касабаро муайян менамояд, ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, манфиатҳои қонунии аъзои иттифоқи касабаро ҳимоя менамояд, сохтори ташкилии Иттифоқи касабаро дида мебарояд.

9.Дар бораи ба ҳайати Иттифоқи касаба шомил ва аз он хориҷ гардидани ташкилоти соҳавӣ қарор қабул менамоянд.

10.Моликияти Иттифоқи касабаро идора мекунад ва барои ихтиёрдорӣ ва истифодаи муваққатӣ қарор қабул менамояд.

11.Ташаккул ва рушди моликияти иттифоқи касабаро муқаррар менамояд.

12.Дар бораи азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Иттифоқи касаба қарор қабул карда, мувофиқи мақсад ва вазифаҳои оинномавӣ дигар масъалаҳои фаъолияти Иттифоқи касабаро ҳаллу фасл менамояд.

13.Анҷуман метавонад ваколатҳои алоҳидаи худро ба дӯши Кумитаи иттифоқи касаба вогузор намояд.

14.Хулосаи анҷуман дар шакли қарор қабул карда мешавад. Ҷаласаи анҷуман Протокол карда шуда, муҳлати нигаҳдории он на кам аз 7 сол мебошад.

15.Анҷумани ғайринавбатии Иттифоқи касабаро пленум бо ташаббуси худ ё бо талаби аз се ду ҳиссаи ташкилоти тобеъ даъват менамояд.

**Моддаи 18. Салоҳияти мақомоти идоракунандаи Иттифоқи касаба**

1.Мақомоти идоракунандаи Иттифоқи касаба, Кумитаи иттифоқи касаба мебошад.

2.Кумитаи иттифоқи касаба фаъолияти худро дар асоси волоияти қонун, принсипҳои мустақилият, ҳимояи ҳуқуқҳои аъзо, муҳокимаи озодона, гуногунандешӣ, ошкорбаёнӣ, дастаҷамъӣ, масъулият дар назди аъзо дар давраи байни анҷуман амалӣ менамояд.

3.Кумитаи иттифоқи касаба ба анҷуман ҳисоботдиҳанда аст.

4.Маҷлиси Кумитаи иттифоқи касаба аз рӯи зарурат, вале дар як сол на кам аз як маротиба дар шакли пленум тибқи Регламент гузаронида мешавад.

5.Кумитаи иттифоқи касаба иҷрои қарорҳои анҷуман ва талаботи оинномавиро ба роҳ мемонад. Иҷрои қарорҳои анҷуман, пленум, раёсати Иттифоқи касаба дар тамоми ташкилоти соҳа ҳатмӣ аст.

6.Дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ тибқи талаботи қонун ва Оинннома аз ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзои иттифоқи касаба ҳимоя менамояд.

7.Қарорҳои мақомоти давлатӣ ва корфармоён, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии аъзои иттифоқи касаба ва кормандонро маҳдуд месозад, барои бекор кардан, боздоштан ва тағйир додани онҳо ба мақомоти ваколатдори давлатӣ, корфармоён ва суд пешниҳод менамояд.

8.Бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи соҳавӣ мебандад ва иҷрои шартҳои онро назорат менамояд.

9.Фаъолияти ташкилоти ҳудудии Иттифоқи касабаро ҳамоҳанг месозад, оид ба амалигардонии вазифаҳои оинномавӣ назорат менамояд ва чорабиниҳои умумиҷумҳуриявии Иттифоқи касабаро мегузаронад.

10.Бо тартиби дар қонун муқарраргардида барои гузаронидани иқдомҳои оммавӣ қарор қабул карда, ба корфармоён ё намояндаҳои онҳо талаботи шифоҳию хаттӣ пешниҳод менамояд. Дар ташкили кори мақомоти оштидиҳанда иштирок менамояд, корпартоиҳоро эълон ва роҳбарӣ мекунад, барои огоҳ намудан,боздоштан ва қатъи онҳо қарор қабул карда, инчунин ин амалҳоро ҳамоҳанг месозад.

11.Дар мақомоти баррасикунандаи баҳсҳои меҳнатии коллективӣ манфиати аъзои иттифоқи касабаро намояндагӣ кунад, дар ҳаллӣ баҳсҳои меҳнатӣ мувофиқи талаботи қонун иштирок менамояд.

12.Мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ахбороти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таълимиро оид ба ҳифзи иҷтимоӣ, касбӣ, шароити меҳнат ва ҳолати санитарию гигиенӣ шунида, таклифу пешниҳодҳо манзур месозад.

13.Оид ба риояи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба ҳифзи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва касбии кормандон ва аъзои иттифоқи касаба назорати ҷамъиятӣ мебарад.

14.Ба ташкилоти тобеъ кӯмаки амалию усулӣ мерасонад ва таҷрибаи пешқадами онҳоро паҳн менамояд.

15.Интихоби кадрҳоро ба роҳ монда, захираи кадриро тасдиқ мекунад ва ба вазифаи раиси ташкилоти ҳудудию маъмурии иттифоқи касаба номзад пешниҳод менамояд.

16.Бо мақсади муайян намудани савияи дониш ва малакаву маҳорати касбии кормандони озоди Иттифоқи касаба аттестатсия мегузаронад. Тартиб ва муҳлати гузаронидани аттестатсияро маҷлиси Кумитаи иттифоқи касаба муайян мекунад.

17.Барои омӯзиш ва такмили ихтисоси кадрҳо ва раисон, инчунин фаъолони иттифоқи касаба курсҳои бозомӯзӣ, такмили ихтисос ташкил менамояд.

18.Бо пешниҳоди раиси Иттифоқи касаба, аъзои раёсати Кумитаи иттифоқи касабаро интихоб ва тасдиқ менамояд.

19.Бо пешниҳоди раиси Иттифоқи касаба муовини раиси Иттифоқи касабаро дар асоси ҷамъиятӣ интихоб менамояд.

20.Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиеро, ки тартиби фаъолияти Иттифоқи касабаро танзим менамоянд, баррасӣ ва муҳокима намуда, тасдиқ менамояд.

21.Дар Иттифоқи касаба тартиби гузаронидани ҳисобот ва интихоботро тасдиқ мекунад, муҳлати баргузории онҳоро муайян месозад.

22.Барои таъмин намудани фаъолияти Иттифоқи касаба меъёри ҳаққи аъзогиро муаян мекунад.

23.Харҷномаи (Сметаи) даромад ва хароҷоти Кумитаи иттифоқи касабаро тасдиқ карда, мақсаднок истифода бурдани онро назорат менамояд.

24.Ҳисоботи солонаи молиявӣ ва мувозинаи солонаи муҳосибитии Иттифоқи касабаро тасдиқ карда, шаффофияти онҳоро таъмин менамояд.

25.Анҷумани Иттифоқи касабаро даъват менамояд.

26.Меъёри намояндагии вакилонро ба анҷуман ва квотаи (ҳиссаи) намояндаҳо барои номзадӣ ба ҳайати нави Кумитаи иттифоқи касаба муқаррар менамояд.

27.Оинномаи Иттифоқи касаба, низомномаҳои ташкилоти тобеи ҳудудию маъмурӣ ва Комиссияи назоратию тафтишотии Иттифоқи касабаро тасдиқ мекунад.

28.Фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва тибқи талаботи қонун ва Оинннома фаъолияти соҳибкориро ба роҳ мемонад.

29.Барои риоя нагардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, талаботи Оинномаи Иттифоқи касаба, низомномаҳо ва қарорҳои мақомоти интихобии машваратии Иттифоқи касаба ба ташкилоти ҳудудию маъмурӣ тибқи талаботи қонун пеш аз муҳлат катъ намудани ваколатҳои раис қарор қабул намуда, барои аз вазифа озод намудан ба кумитаҳои дахлдор пешниҳод менамояд.

30.Маҷлис, конференсия анҷумани ғайринавбатиро даъват менамояд.

31.Дар бораи бекор кардани ваколатҳои аъзои Кумитаи иттифоқи касаба, дар сурати бозхонд ва ё иваз кардани онҳо қарор қабул менамояд ва аъзои навро интихоб ва тасдиқ менамояд.

32.Дар доираи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ назорати ҷамъиятии онҳоро ба амал мебарорад.

33.Дар таҳия ва амалӣ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳо дар самти ҳифзи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва касбии аъзои иттифоқи касаба иштирок менамояд

34.Барои шомил шудан ба иттиҳодияҳои байналмилалии иттифоқҳои касаба (ассосиатсияҳо), ташкилоти байналхалқӣ ва баромадан аз онҳо қарор қабул мекунад ва намояндаҳои худро дар мақомоти онҳо пешбарӣ менамояд.

35.Уҳдадориҳоеро, ки бо қарори анҷуман муқаррар карда шудаанд ва аз ваколатҳои Иттифоқи касаба сарчашма мегиранд, иҷро менамояд.

36.Раис, муовини раиси Иттифоқи касаба дар асоси ҷамъиятӣ ба ҳайати Кумитаи иттифоқи касаба дохил мешаванд.

37.Санади Кумитаи иттифоқи касаба дар шакли қарор қабул карда мешавад. Ҷаласаи Кумитаи иттифоқи касаба протокол карда шуда, бо имзои раис, котиб ва ба он гузоштани муҳр ба расмият дароварда мешавад.

38.Ҷаласаи ғайринавбатии Кумитаи иттифоқи касабаро раёсат ё бо талаби на кам аз се ду ҳиссаи аъзои худ даъват мекунад.

39.Ба Оинномаи Иттифоқи касаба тағйироту иловаҳо ворид намуда, тасдиқ мекунад.

40.Кумитаи иттифоқи касаба сиёсати молиявиро муайян мекунад.

41.Аъзои раёсати Кумитаи иттифоқи касабаро интихоб менамояд.

42.Комиссияҳои доимоамалкунандаи назди Кумитаи иттифоқи касабаро таъсис дода, аъзои онро интихоб мекунад

43.Ҳисоботи Кумитаи иттифоқи касабаро баррасӣ ва муҳокима намуда, ба анҷуман пешниҳод менамояд.

**Моддаи 19. Салоҳияти Раёсати Кумитаи иттифоқи касаба**

1.Муҳлати ваколати Раёсати Кумитаи иттифоқи касаба ҳафт сол мебошад.

2.Раёсат ба Кумитаи иттифоқи касаба ҳисоботдиҳанда мебошад.

3.Раёсат мувофиқи нақшаи кории Кумитаи иттифоқи касаба дар се моҳ на кам аз як маротиба тибқи Регламент баргузор мегардад.

4.Иҷрои қарорҳои анҷуман ва Кумитаи иттифоқи касабаро иҷро менамояд, ҳисоботи раисони ташкилоти тобеъро мешунавад.

5.Иҷрои шартҳои созишномаи соҳавиро натиҷагирӣ менамояд.

6.Дар ташкилоти тобеъ муҳлати бастани шартномаҳои коллективиро муайян карда, иҷрои онро назорат менамояд.

7.Фаъолияти ташкилоти тобеъро оид ба иҷрои қарорҳои мақомоти интихобии Иттифоқи касаба ҳамоҳанг месозад.

8.Дар бораи гузаронидан ва ҳамоҳанг сохтани амалиёти иттифоқи касаба иқдомҳо ва корпартоиҳо қарор қабул менамояд.

9.Ба ташкилоти тобеъ ёрии ташкилӣ ва усулӣ мерасонад, фаъолияти онҳоро месанҷад.

10.Нозири ҳуқуқ ва нозири меҳнатро таъсис медиҳад.

11.Ба корфармоён ва муассисони муассисаҳои маориф ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳангоми зарурат дархостҳо омода мекунад ва пешниҳод менамояд.

12.Риояи якхелаи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба муносибатҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва касбӣ назорати ҷамъиятӣ мебарад.

13.Омӯзиш, такмили ихтисоси кадрҳо ва фаъолони иттифоқи касабаро ба роҳ мемонад ва ҳамоҳанг месозад.

14.Сохтор, ҷадвали воҳидҳои корӣ, низоми пардохти музди меҳнати кормандони дастгоҳи Иттифоқи касаба, низоми пардохти музди меҳнати кормандони озоди дастгоҳи ташкилоти тобеъро мувофиқи тартиб дар иттифоқи касабаи дахлдор тасдиқ мекунад.

15.Барои ҳавасмандгардонии аъзои иттифоқи касаба фаъолони иттифоқи касабаро барои дарёфти мукофотҳои давлатӣ, соҳавӣ ва унвонҳои фахрӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ пешниҳод менамояд.

16.Сохтор ва тартиби корҳои ташкилии Иттифоқи касабаро муайян менамояд. Дар бораи таъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии ташкилоти тобеъ қарор қабул мекунад.

17..Нигоҳдории ҷорӣ ва бойгонии ҳуҷҷатҳои Иттифоқи касабаро тибқи муқаррарот ба роҳ мемонад.

18.Қарорҳои раёсати Кумитаи иттифоқи касаба, ки дар доираи талаботи қонун ва Оинномаи мазкур қабул гардидаанд, иҷрои ҳатмии онҳоро аз ташкилоти тобеъ ва аъзои иттифоқи касаба талаб менамояд.

19.Сохтори ташкилии Иттифоқи касаба аз Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд, Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Хатлон, Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Душанбе, кумитаҳои шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ташкилоти иттифоқи касабаи муассисаҳои таълимӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоти ибтидоӣ иборат аст.

20.Раёсати Кумитаи иттифоқи касаба мақомоти иҷроияи интихобию машваратии доимоамалкунанда мебошад.

21.Дигар ваколатҳоеро, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Оинномаи мазкур мухолифат намекунад, иҷро менамояд.

## VII.РАИСИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

**Моддаи 20. Салоҳиятҳои раиси Иттифоқи касаба**

1.Раиси Иттифоқи касаба мақомоти иҷроияи яккароҳбарии интихобӣ мебошад. Фаъолияти Иттифоқи касабаро роҳбарӣ менамояд ва аз рӯи вазифа раиси Кумитаи иттифоқи касаба ва раёсати он мебошад.

2.Харҷномаи (Сметаи) даромад ва хароҷоти Иттифоқи касабаро тасдиқ мекунад, фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ мебарад, воситаҳои молиявии Иттифоқи касабаро мувофиқи сметаи тасдиқшуда, идора мекунад. Дар доираи ваколатҳои ба ӯ додашуда, метавонад тибқи талаботи қонун ва Оинномаи мазкур хариду фурӯш, гарав, иҷора ва аҳдҳои дигари марбут ба муқаррар намудан, тағйир додан ё қатъ кардани ҳуқуқи молу мулкӣ фармоиш ба тасвиб расонад.

3.Муҳлати ваколати раиси Иттифоқи касаба ҳафт сол мебошад.

4.Иҷрои қарорҳои анҷуман, Кумита, раёсатро таъмин мекунад. Фаъолияти ташкилоти тобеъро ҳамоҳанг месозад.

8.Дар мақомоти давлатӣ, судӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма, ташкилоти байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо Иттифоқи касабаро намояндагӣ мекунад, дар ҳолатҳои зарурӣ аз номи Иттифоқи касаба изҳорот, муроҷиатнома ва дархост менамояд.

9.Бо иттиҳодияҳои иттифоқи касаба, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои байналмилалии иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳо созишнома мебандад.

10.Дар доираи ваколатҳои оинномавӣ созишнома ва шартномаҳоро ба имзо мерасонад.

11.Дастгоҳи Иттифоқи касабаро ташкил ва роҳбарӣ менамояд, вазифаҳои хизматии муовин (дар асосҳои ҷамъиятӣ) ва кормандони дастгоҳро муайян менамояд. Ҷадвали воҳидҳои кориро тасдиқ мекунад, шартҳои пардохти музди меҳнати кормандони дастгоҳ, маоши вазифавӣ, пардохтҳои ҷубронӣ, ҳавасмандгардонӣ ва дигар пардохтҳоро муайян менамояд. Бо кормандони дастгоҳ шартномаи меҳнатӣ мебандад ва онро бекор мекунад, фармоишҳо мебарорад.

12.Дар бораи фаъолияти Кумитаи иттифоқи касаба ҳисобот медиҳад.

13.Дигар салоҳиятҳоеро, ки мақомоти олӣ ва идоракунандаи Иттифоқи касаба ваколатдор намудаанд, иҷро менамояд.

14.Харҷномаи (Сметаи) даромад ва хароҷоти кумитаҳои иттифоқи касабаи ноҳиявӣ, шаҳрӣ, ш. Душанбе, ВМКБ, вилоятҳо, муассисаҳои таълимӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад.

15.Барои таҳияи созишномаи соҳавӣ ва иштирок дар гуфтушунидҳо комиссияи ваколатдорро таъсис медиҳад.

16.Дар бораи фаъолияти худ ҳар сол ба раёсат ва ё Пленуми иттифоқи касаба ҳисобот медиҳад, татбиқи қарорҳои Кумитаи ҷумҳуриявиро назорат менамояд.

## VIII.ҲАМКОРИИ ИТТИФОҚИ КАСАБА БО ТАШКИЛОТИ ДАВЛАТӢ, ҒАЙРИДАВЛАТӢ, ИТТИФОҚҲОИ КАСАБАИ ДИГАР СОҲАҲО ВА ҲАРАКАТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА

**Моддаи 21.Ҳамкории Иттифоқи касаба бо ташкилоти давлатӣ**

1.Иттифоқи касаба тибқи муқаррароти қонун ва Оинномаи мазкур ба манфиати аъзои иттифоқи касаба ва кормандони соҳаи маориф бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти прокуратура ва суд ҳамкорӣ менамояд.

2.Иттифоқи касаба дар асоси шарикии иҷтимоӣ ва ҳамкории дуҷониба бо корфармо ва намояндагони онҳо дар заминаи созишномаи соҳавӣ ва шартномаҳои колективӣ ҳамкорӣ менамояд.

5.Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳо ва осоишгоҳҳои табобатӣ, санаторию курортӣ, муассисаҳои истироҳатӣ, сайёҳӣ, тарбияи ҷисмонии оммавӣ ва варзишӣ ҳамкорӣ карда, дар доираи талаботи қонун ва Оинномаи мазкур шартномаҳо бандад.

6.Иттифоқи касаба дар татбиқ намудани сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар соҳаи маориф иштирок мекунад.

7.Иттифоқи касаба бо тартиби муқарраргардида, тавассути намояндагони ваколатдори худ ҳуқуқ дорад дар кори ҳайати мушовараи вазоратҳо ва дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, ҷаласаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии муассисаҳои таълимӣ иштирок кунад.

8.Дигар ваколатҳоеро, ки қонун барои ҳамкорӣ кафолат додаст, ба роҳ мемонад.

**Моддаи 22.Ҳамкории Иттифоқи касаба бо ташкилоти ғайридавлатӣ, иттифоқҳои касабаи дигар соҳаҳо ва ҳаракати байналмилалии иттифоқҳои касаба**

1.Иттифоқи касаба тибқи муқаррароти қонун ва Оинномаи мазкур ҳуқуқ дорад бо иттиҳодияҳои иттифоқҳои касабаи байналмилалӣ ҳамкорӣ намояд, ба онҳо озодона аъзо шавад ва аз аъзогӣ даст кашад.

2.Дар чорабиниҳо ва кори мақомоти иттифоқҳои касабаи байналмилалӣ иштирок кунад ва дигар амалҳоеро, ки хилофи қонун нестанд, анҷом диҳад.

3.Дар асоси принсипи мустақилият, ҳурмату эҳтироми ҳамдигарӣ, баробарҳуқуқӣ, ҳамраъйӣ, ҳамкории судмандро бо иттифоқҳои касабаи байналмилалӣ ба роҳ монад.

4.Ҳамкориро тавассути созишнома ва шартномаҳо бо дигар кумитаҳои иттифоқи касаба дар асоси принсипҳои мустақилияти ташкилӣ ва молиявӣ, ҳурмату эҳтироми ҳамдигар, баробарҳуқуқӣ, ҳамраъйӣ ба роҳ монад.

5.Иттифоқи касаба қисми таркибии ҳаракати байналмилалии иттифоқҳои касаба ва иштирокчии он мебошад. Ҳуқуқҳои аъзои иттифоқи касабаро дар сатҳи байналмилалӣ ҳимоя намуда, барои дар амал ҷорӣ намудани мақсадҳои Оинномаи мазкур дар доираи талаботи қонун бо дигар ташкилоти байналмилалии иттифоқҳои касаба ҳамкориро ба роҳ монад.

6.Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад ба ташкилоти байналмилалии иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо шомил шавад, чорабиниҳои тибқи талаботи Оинномаи мазкур пешбинишударо амалӣ намояд.

7.Иттифоқи касаба қисмҳои таркибии он таҷрибаи иттифоқҳои касабаи минтақавӣ, байналмилалиро меомӯзад, истифода мебарад, паҳн менамояд, мукотиботро ба роҳ мемонад. Дар чорабиниҳои фарҳангӣ, варзишию сайёҳӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар самтҳо робитаҳоро мувофиқи талаботи қонун, Оинномаи мазкур ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба роҳ мемонад.

## IX. ТАШКИЛОТИ ИБТИДОИИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

**Моддаи 23. Ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба**

1.Ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба асоси иттифоқи касабаро ташкил медиҳад. Ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба аз ҳисоби шахсоне, ки дар корхона, муассиса, ташкилот, ҷамъият новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ кор мекунанд, ё дар муассисаи таълимӣ таҳсил менамоянд ва дар ҳолати мавҷуд будани шумораи на камтар аз се нафар аъзо бо ризоияти мақомоти болоии иттифоқи касабаи дахлдор таъсис дода мешавад.

2.Ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба тибқи муқаррароти қонун ва Оинномаи манфиатҳои меҳнатӣ, касбӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва зеҳнии аъзои иттифоқи касабаро ҳимоя менамояд.

3.Ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба фаъолияти худро дар асоси Оинномаи мазкур ва Низомнома оид ба ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба, ки мақомоти болоӣ тасдиқ кардааст, ба роҳ мемонад.

## X. ТАШКИЛОТИ ИТИФОҚИ КАСАБАИ НОҲИЯВӢ, ШАҲРӢ, МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ВА АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 24. Тартиби ташкил ва фаъолияти**

**ташкилоти иттифоқи касабаи ноҳиявӣ, шаҳрӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1.Ташкилоти ноҳиявӣ, шаҳрӣ, муассисаи таҳсилоти касбӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти ибтидоии амалкунандаро муттаҳид менамояд. Дар асоси қарори Кумитаи иттифоқи касаба аз рӯи меъёри соҳавӣ ташкил карда шуда, ваколату вазифаҳои онҳо бо Оинномаи мазкур ва Низомнома муайян карда мешаванд.

2.Сохтор ва воҳидҳои корӣ, тартиби маблағгузории кумитаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо кумитаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ муайян ва тасдиқ карда мешавад.

3.Ҳадафи асосии ташкилоти ноҳиявӣ, шаҳрӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилоти ибтидоӣ, ин амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои оинномавии иттифоқи касаба, ба хотири намояндагӣ ва ҳифз намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои меҳнатӣ, касбӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва зеҳнии аъзои иттифоқи касаба дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корфармоён ва иттиҳодияҳои давлативу ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо мебошад.

4.Ташкилоти ноҳиявӣ, шаҳрӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз се ду ҳисаи ташкилоти ибтидоии соҳавиро новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ дар воҳиди маъмурию ҳудудии амалкунанда муттаҳид карда метавонанд, ташкил карда мешавад.

**XI. ТАШКИЛОТИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ ВМКБ, ВИЛОЯТӢ ВА Ш. ДУШАНБЕ**

**Моддаи 25. Тартиби ташкил ва фаъолияти ташкилоти иттифоқи касабаи ВМКБ, вилоятӣ ва ш. Душанбе**

1.Ташкилоти иттифоқи касабаи ВМКБ, вилоятӣ ва шаҳри Душанбе ташкилоти ибтидоии иттифоқи касабаро аз рӯйи аломатҳои соҳавӣ дар воҳидҳои марзиву маъмурӣ муттаҳид месозанд.

2. Ташкилоти иттифоқи касабаи ВМКБ, вилоятӣ ва шаҳри Душанбе бо пешниҳоди Кумитаи иттифоқи касаба дар асоси қарори конференсия ташкил карда мешаванд. Ташкилоти иттифоқи касабаи ВМКБ, вилоятӣ ва шаҳри Душанбе ҷузъи таркибии Иттифоқи касаба мебошанд.

3.Мақомоти олии иттифоқи касабаи ВМКБ, вилоятӣ ва шаҳри Душанбе конференсия мебошад, ки он аз намояндагони ташкилоти ибтидоӣ, аз рӯйи аломатҳои соҳавӣ дар воҳидҳои марзиву маъмурӣ ташкил карда мешавад ва дар ҳафт сол як маротиби гузаронида мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун ва Оинномаи мазкур тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд.

4. Ташкилоти иттифоқи касабаи ВМКБ, вилоятӣ аз рӯи принсипҳои ҳудудӣ, ҳуқуқ доранд дар асоси принсипи мустақилият ба таври ихтиёрӣ ба Шӯрои вилоятии иттифоқҳои касаба аъзо шаванд ва аз аъзогӣ даст кашанд.

5.Ваколату вазифаҳои ташкилоти иттифоқи касабаи ВМКБ, вилоятӣ ва шаҳри Душанбе тибқи талаботи Оиннома ва Низомномаи Иттифоқи касаба муайян карда мешаванд.

**XII. МОЛИЯ ВА МОЛИКИЯТИ ИТТИФОҚИ КАСАБА**

**Моддаи 26.Ҳуқуқи Иттифоқи касаба оид ба молия**

1.Иттифоқи касаба ҳамчун шахси ҳуқуқӣ тибқи талаботи қонун ва Оинномаи мазкур дар бонкҳо ва хазинаҳои амонатӣ ҳуқуқи кушодани суратҳисоб бо асъори миллӣ ва хориҷӣ, муҳр, варақаҳои чопӣ, бланка, қоғазҳои қиматнок ва дигар реквизитҳоро дорад.

2.Ҳаққи аъзогии ҳармоҳа дар ҳаҷми як фоиз ва аз он зиёд, аз даромади моҳона, инчунин дигар намудҳои музди меҳнати иловагӣ муқаррар карда мешавад.

3.Донишҷӯён ва хонандагоне, ки стипендия мегиранд, ба миқдори як фоиз ва зиёда аз он аъзоҳаққӣ пардохт менамоянд.

4.Донишҷӯён ва хонандагоне, ки дар гурӯҳҳои шартномавӣ таҳсил мекунанд, ҳар моҳ баробари онҳое, ки аъзоҳаққӣ аз стипендияшон пардохт менамоянд, аъзо шуда, аъзоҳаққӣ пардохт намоянд.

5.Аъзоҳаққӣ ба иттифоқи касаба тариқи нақдӣ ва ғайринақдӣ ба суратҳисоби бонкӣ пардохт карда мешавад.

6.Манбаи воридшавии маблағҳои Иттифоқи касаба аз ҳисоби ҳаққӣ аъзошавӣ ва ҳаққӣ аъзогии ҳармоҳаи аъзои иттифоқи касаба, воридот аз муассисаҳои маданиву маърифатӣ ва варзишии кормандон, ки ба тарзи ҳисоби хоҷагӣ кор мекунанд, инчунин ҳисобҷудокунии маблағҳои пулии муассисаҳои маориф ва илм, ки ба тарзи ҳисоби хоҷагӣ кор мекунанд, ё бо кооперативӣ, соҳибкорӣ ва тиҷорат шуғл ҳастанд ва дигар манбаъҳое, ки қонун манъ накардааст, ташаккул меёбад.

7.Буҷаи Иттифоқи касаба дар пленум ва раёсати Кумита тасдиқ гардида, тибқи харҷнома масраф карда мешавад.

8.Ҳуқуқи тақсиму истифодабарии маблағҳо ва истифодаи моликияти Иттифоқи касаба ба ташкилоти иттифоқи касаба, инчунин мақомоти интихобии онҳо дода шудааст, ки дар навбати худ онҳо дар бораи истифодабарии ин маблағҳо дар назди мақомоти олӣ ва идоракунандаи Иттифоқи касаба масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошанд.

9.Ҳангоми аз сафи аъзои иттифоқи касаба баромадан ва хориҷ шудан, аъзоҳақии пардохт намуда ва амволи ба иттифоқи касаба дахл дошта, баргардонда ва тақсим карда намешавад.

10.Иттифоқи касаба дар муносибатҳои молиявию хоҷагидорӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти давлатии назоратӣ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда намебошад.

**Моддаи 27.Молу мулки Иттифоқи касаба**

1.Иттифоқи касаба соҳиби моликият буда, онро идора мекунад ва аз онҳо истифода мебарад. Аз маблағҳои зарурие, ки баҳри амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои оинномавӣ, ҳифзи манфиатҳои аъзои иттифоқи касаба ва ташкилоти Иттифоқи касаба равона гардидаанд, истифода менамояд.

2.Иттифоқи касаба соҳиби қитъаҳои замин, биноҳо, иншоот, иншооти санаторию курортӣ, дармонгоҳҳо, нуқтаҳои тиббӣ-ташхисӣ, дастгоҳҳо, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёти техникию матбаа, асбобу анҷом, амволи таъиноти маданию маърифатӣ, варзишӣ, солимгардонӣ, маблағу коғазҳои қимматнок, нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ ва дигар амволу моликияте, ки қонун манъ накардааст, мебошад.

**Моддаи 28.Сарчашмаи ташаккулёбии молия ва моликияти Иттифоқи касаба**

1.Ташаккулёбии молия ва моликияти Иттифоқи касаба тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Оиннома аз ҳисоби сарчашмаҳои зерин ташаккул меёбад:

-аъзоҳаққии воридшуда ба Иттифоқи касаба.

-аъзоҳаққии ҳармоҳаи аъзои иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм;

-маблағҳои даромад аз ҳисоби корфармоён ва намояндаҳои онҳо, ки дар созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ба барои гузаронидани чорабиниҳои иҷтимоию фарҳангӣ, солимгардонӣ дар назар гирифта шудааст;

-даромадҳо аз маблағҳои озоди ташкилоти Иттифоқи касаба, ки дар бонкҳо пасандоз гузоштаанд;

-тибқи талаботи қонунгузории гражданӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ даромад аз саҳмияҳо ва коғазҳои қимматнок;

-воридот тибқи Оинномаи мазкур аз баргузории лексияҳо, намоишгоҳҳо, лотореяҳо, аукционҳо, бурсияҳо, грантҳо, хайрияҳо, кӯмакҳои бебозгашт, чорабиниҳои варзишӣ, фарҳангӣ, фаъолиятиноширӣ, иҷораи амвол, расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ, шаҳрвандоне, ки аъзои иттифоқи касаба нестанд ва дигар чорабиниҳое, ки қонун манъ накардааст;

-Иттифоқи касаба тибқи мақсад ва вазифаи оинномавӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ва Оинномаи мазкур ҳуқуқ дорад бонки Иттифоқи касаба, ҷамъиятҳои суғуртавӣ ва саҳҳомӣ, ширкатҳо, корхонаҳои муштараки тиҷоратӣ таъсис диҳад. Ба фаъолияти ноширӣ машғул шавад, фондҳо ташкил диҳад, инчунин дигар фаъолияти молиявию хоҷагидориеро, ки қонун манъ накардааст, анҷом диҳад.

**Моддаи 29.Ҳиссаҷудокунӣ ба Иттифоқи касаба**

1.Меъёри ҳиссаҷудокунӣ аз ташкилоти тобеъ ба Иттифоқи касабаро Кумитаи иттифоқи касаба муайян менамояд.

2.Корфармо бо розигии корманд ва аъзои иттифоқи касаба дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Оинномаи мазкур созишномаи соҳавӣ ва шартномаҳои коллективӣ ҳар моҳ аз музди меҳнати кормандон, стипендияи донишҷӯён ва хонандагон ҳаққи аъзогии иттифоқи касабаро ба суратҳисоби бонкӣ ба таври ғайринақдӣ пардохт мекунад.

**Моддаи 30.Моликӣ, истифодабарӣ ва идоракунии молу мулки Иттифоқи касаба**

1.Раиси Иттифоқи касаба дар асоси харҷномае, ки аз тарафи мақомоти интихобии Иттифоқи касаба тасдиқ шудааст, харҷ намуда, воситаҳои молу мулкиро идора мекунад.

2.Молу мулк, аз ҷумла воситаҳои молиявӣ моликияти ягона ва тақсимнашавандаи Иттифоқи касаба мебошад.

3.Иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад моликият, аз ҷумла маблағҳои худро барои идоракунии фаврӣ, ба ташкилоти ибтидоӣ ва ҳудудии Иттифоқи касаба диҳад.

**XIII. МАҚОМОТИ НАЗОРАТИЮ ТАФТИШОТИИ ТАШКИЛОТИ ИТТИФОҚИ КАСАБА**

**Моддаи 31. Комиссияи назоратию тафтишотии Иттифоқи касаба**

1.Комиссияҳои назоратию тафтишотӣ дар анҷуман, конференсия ва маҷлиси Иттифоқи касаба ба муҳлати 7 сол интихоб карда мешаванд.

2.Ҳайати Комиссияи назоратию тафтишотии Иттифоқи касабаро дар ҳолатҳои истисно Кумитаи иттифоқи касаба ҳуқуқ дорад интихоб намояд.

3.Комиссияи назоратию тафтишотӣ фаъолияти худро мувофиқи Низомномаи Комиссияи назоратию тафтишотие, ки дар анҷуман тасдиқ шудааст, ба роҳ мемонад.

**XIV.ТАШКИЛ ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ИТТИФОҚИ КАСАБА ВА СОХТОРҲОИ ОН**

**Моддаи 32. Асосҳои ташкил ва барҳамдиҳии Иттифоқи касаба ва сохторҳои он**

1.Иттифоқи касаба бо қарори анҷуман тибқи талаботи қонун ва Оинномаи мазкур ташкил карда мешавад.

2.Фаъолият Иттифоқи касаба бо қарори анҷуман тибқи талаботи қонун ва ҳамин Оиннома қатъ карда мешавад.

3.Иттифоқи касабаи ВМКБ, вилоятӣ ва шаҳри Душанбе бо қарори мақомоти болоӣ ва қарори конференсияи дахлдори Иттифоқи касаба тибқи талаботи қонун, Оинномаи мазкур ва Низомнома ташкил карда, мешавад.

4.Фаъолияти Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳр, ноҳия, муассисаҳои таълимӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори мақомоти болоӣ ва қарори конференсияи дахлдори Иттифоқи касаба тибқи талаботи қонун, Оиннома ва Низомномаи Иттифоқи касаба қатъ карда мешавад.

5.Ташкилоти гурӯҳӣ, ибтидоӣ ва монанди онҳо дар корхона, муассиса, ташкилот новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ тибқи талаботи қонун ва Оинномаи мазкур бо қарори мақомоти болоии Иттифоқи касаба ташкил карда мешавад.

6.Ташкилоти гурӯҳӣ, ибтидоӣ ва монанди онҳо дар корхона, муассиса, ташкилот новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон дар ҳолати тибқи талаботи қонун барҳам хурда, барҳам додан, муфлис эълон кардан ва қисмҳои таркибии сохтории корхона, ташкилот, муассиса қисман ё пурра бархам бардоштани он тибқи муқаррароти қонун аз тарафи корфармо, соҳибмулк ё мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки боиси ихтисори ҷойҳои корӣ ё бадшавии шароити меҳнат мегарданд, бо қарори мақомоти болоии Иттифоқи касаба тибқи талаботи қонун, Оиннома ва Низомномаи Иттифоқи касаба фаъолияташон қатъ карда мешаванд.

7.Қатъ кардан, боздоштани фаъолияти Иттифоқи касаба ва ташкилоти сохтории он тибқи муқаррароти қонун, ҳамин Оиннома ва қарори суд амалӣ карда мешавад.

8.Моликияти Иттифоқи касаба пас аз ҳисоббаробаркуниҳо, молу мулки он бо қарори комиссияи қатъ кардани фаъолият, истифодабарии он муайян карда, мешаванд.

9.Дар сурати қатъ гардидани фаъолияти Иттифоқи касаба, ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, коргузорӣ, ҳисоботҳо ва парвандаҳои ҳайати шахсии кормандон барои нигоҳдорӣ бо тартиби муқарраргардидаи қонун ба бойгонии давлатӣ супорида мешаванд.

**Рақами қайди ИҶ №327 «В» 02.05.2017**

# БАРРАСИИ 4 МАСЪАЛАИ АСОСӢ ВА 6 МАСЪАЛАИ ИЛОВАГӢ ДАР ҶАЛАСАИ РАЁСАТИ САЙЁР



16 майи соли равон дар толори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ҷаласаи раёсати сайёри Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки раиси Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Одиназода, ректори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Ҷ.Ҷӯразода ва аъзоёни раёсат баргузор гардид.

Қабл аз оғози ҷаласа дар толори калони донишгоҳ бо донишҷӯёни ятиму бепарастор ва фаъолони иттифоқи касаба вохӯрӣ баргузор гардид, ки дар рафти он аз ҷониби Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд ба 64 нафар донишҷӯ кӯмаки моддии яквақтаина ва ба 15 нафар донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии вилоят стипендияи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд супорида шуд.

Сипас, ҷаласа ба кори худ шурӯъ намуд, ки дар он 4 масъалаи асосӣ ва масъалаҳои ҷорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, вобаста ба масъалаи якум – “Дар бораи ҳисоботи комиссияи назоратию тафтишотии Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти молиявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ” маърӯзаи раиси комиссияи назоратию тафтишотӣ И.Донахонов, вобаста ба масъалаи дуюм – “Дар бораи тасдиқи харҷнома, тақсимоти роҳхатҳо, таъмир ва омода намудани Истироҳатгоҳи берунашаҳрии «Чайка» ба мавсими истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон барои соли 2017” маърӯзаи сармуҳосиби кумита И.Хуҷаев, вобаста ба масъалаи сеюм – “Дар бораи санҷиши фаъолияти кумитаҳои иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳияҳои Восеъ, Ҷ.Балхии вилояти Хатлон оид ба иҷрои вазифаҳои оинномавӣ” маърӯзаи раиси комиссияи санҷишӣ Ш.Расулов ва вобаста ба масъалаи чорум – “Дар бораи санҷиши фаъолияти кумитаҳои иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳияҳои Спитамен, Ашт, Ҷ.Расулови вилояти Суғд оид ба иҷрои вазифаҳои оинномавӣ” маърӯзаи намояндаи комиссияи санҷишӣ А.Ширинов шунида шуда, қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.





Инчунин, дар рафти баррасии масъалаҳои ҷорӣ қарорҳои дахлдор вобаста ба мутобиқ гардонидани низомномаҳои кумитаҳои иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Оинномаи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нақшаи чорабинии Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сари вақт омода намудан ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2017-2018, шакли ягонаи мӯҳр ва тамғаи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ангораи (эскизи) шакли нишони сарисинагии унвони “Корманди фахрии Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул карда шуданд. Ҳамчунин, ба сохтори Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти иттифоқи касабаи кормандони Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе шомил карда шуда, ҳамзамон, раисони кумитаҳои иттифоқи касабаи кормандони шаҳрҳои Ваҳдат ва Роғун тасдиқ гардиданд.



Дар охири баррасии ҳар як масъала мубодилаи афкор сурат гирифта, таклифу пешниҳодоти иштирокдорон ҳангоми тасдиқи қарорҳои дахлдор ба инобат гирифта шуд. Инчунин, ба як қатор фаъолон-раисони кумитаи иттифоқҳои касабаи кормандони шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои таълимӣ Ифтихорномаи Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

**“Ҳомии омӯзгор”**

# ҶАМЪБАСТИ МУСОБИҚАҲОИ ВАРЗИШӢ

14 майи соли ҷорӣ дар Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо ташаббуси Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Соли ҷавонон байни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мусобиқаҳои варзишӣ, аз қабили футболи хурд, шоҳмот ва волейбол доир гардид.

Дар мусобиқа дастаи донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саймуъмин Раҳимов, Коллеҷи тарбияи ҷисмонӣ, Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, Донишкадаи энергетикии вилояти Хатлон, Донишгоҳи давлатии Хоруғ



ба номи Моёншо Назаршоев, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров қувваозмоӣ намуданд.

Зимни ифтитоҳи чорабинӣ ректори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон Давлатзода Қудрат, муовини аввали Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон Исмоил Зариф Шарифзода ва раиси Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Одиназода суханронӣ намуданд. Зимни суханронӣ қайд гардид, ки мақсад аз бургузории чунин мусобиқаҳо ҷалби ҷавонон ба иттифоқҳои касаба, тарғиб ва оммавӣ гардонидани тарзи ҳаёти солим, мустаҳкам намудани робитаҳои дӯстӣ байни ҷавонон мебошад. Инчунин, аз ҷавонон даъват ба амал оварда шуд, ки бештар ба чунин мусобиқаҳои варзишӣ рӯ оваранд.

Чорабиниҳои варзишӣ бо бардоштани Парчами давлатӣ ва шунидани Суруди миллӣ оғоз ёфта, рафти мусобиқаҳо аз ҷониби доварони ботаҷрибаи Федератсияи футболи Тоҷикистон ва доварони Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ назорат карда шуданд. Дар ҷамъбастии мусобиқа ғолибон аз ҷониби Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷом ва диплом сарфароз гардонида шуданд.

Ёдовар бояд шуд, ки дар бозии волейбол дастаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар бозии футбол дастаи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Н.Хусрав ва дар бозии шоҳмот дастаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саймуъмин Раҳимов сазовори ҷойи якум гардиданд.





**Хуршед НАСРИДДИНОВ,**
**раиси кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касабаи Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**СӮГВОРӢ**

Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раиси кумитаи иттифоқи касабаи кормандони дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм Асфияева Фирӯза бинобар даргузашти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.

ҲОМИИ ОМӮЗГОР

Муассис: Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Э. ХУШВАХТОВ

Телефонҳо: 221-11-80 227-85-01 223-17-48 221-13-21 221-16-74

e-mail:kasaba_tj@mail.ru

Ҳайати таҳририя: Шарифзода Исмоил Зариф, Р. Одиназода, М.С. Қурбонов, М. С. Мироватов, С. Б. Шогузанфаров, Ҳ. С. Раҳматов, О. П. Усмонова, Т.Р. Раҷабов

Мухбирони минтақавӣ: Ҳ. Ҳамидов, И. Мақсудов.

Моҳнома 31 октябри соли 2012 таҳти рақами 0032/ рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шудааст.

Моҳнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мекунад, ки метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» (кӯчаи Борбад 36 ) ба чоп расидааст. Адади нашр: 4800

Нишонии моҳнома: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 20, Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Индекс: 734012

Суратҳисоби бонкии мо: Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
РМА (ИНН) 01 000 37 95
20 20 29 72 61 690 1000 227
35 01 01 369
20 40 29 72 41 36 91
ҶСК Ориёнбонк, шаҳри Душанбе